*Хонандагони гиромӣ!*

Китобе, ки Шумо ҳоло дар даст доред, маҷмӯи чаҳор китобе мебошад, ки мазмуни асосии онҳо таълимоти Исои Масеҳ, шарҳи зиндагӣ, марг ва зиндашавии Ӯро дар бар мегирад. Азбаски Исои Масеҳ пайғоми эълон кардаашро Хушхабари Подшоҳии Худо меномид, аз ин рӯ ин чор китобҳоро одатан Хушхабар меноманд ва унвони онҳо фақат мувофиқи номи муаллифашон фарқ мекунанд (Хушхабари Матто, Хушхабари Марқӯс, Хушхабари Луқо ва Хушхабари Юҳанно).

Баъзе муаллифони Хушхабарҳо шахсан Исои Масеҳро мешинохтанд ва ҳамроҳаш буданд, бинобар ин худашон шоҳиди бисёре аз он воқеаҳое буданд, ки дар китобҳояшон нақл карданд. Баъзеашон, мисли Луқо, ки духтур буд, китоби худро дар асоси тадқиқоти воқеаҳои аз забони шоҳидон шунидаашон, тартиб додаанд.

Ҳар яке аз чор муаллифон вобаста аз гурӯҳи хонандагонашон дар нақлҳои худ ба мазмунҳои гуногун аҳамияти бештар додаанд ва ҳодисаҳои рӯйдодаро аз паҳлӯҳои гуногун тасвир кардаанд. Масалан Матто, ки дар навиштаи худ асосан ба хонандагони яҳуд муроҷиат кардааст, зиёдтар пешгӯйиҳоеро иқтибос меорад, ки дар китобҳои Тавроту Забур ва Анбиё омадаанд. Марқӯс дар навбати худ китобашро бо шарҳу ташреҳҳо барои халқҳое навиштааст, ки бо урфу одатҳои яҳудиён ошно набуданд. Дар натиҷа ҳангоми хондани Хушхабар аз чор нуқтаи назар манзараи пурратари воқеаҳои дар ҳаёти Исо ва гирду атрофаш рӯйдода дар пеши назари мо кушода мешавад, баробари ин маънои таълимот ва суханони Исо низ аз чор тараф хубтар равшан мегарданд.

Ин китобҳо дар солҳои гуногуни асри аввали мелодӣ навишта шудаанд ва азбаски яҳудиён дар он замон зери мустамликаи Империяи Рум буданду забони маъмулӣ дар тамоми қаламравии Империя юнонӣ буд, бинобар ин забони аслии ин чор Хушхабар низ юнонӣ мебошад, дар ҳоле ки худи Исои Масеҳ дар сухану таълимоташ забони арамеиро истифода мебурд.

Барои ҷамъ овардану эҳтиёт кардани нусхаҳои қадимтарини китобҳои Хушхабар меҳнату заҳмати зиёд бурда шудааст. Порчаҳо аз нусхаҳои қадимаи ин китобҳо ба асрҳои дуюм ва сеюми мелодӣ тааллуқ доранд.

Китобҳои Хушхабар ба бисёр забонҳои ҷаҳон тарҷума шудаанд ва ин боиси он гардид, ки одамони гуногун дар тамоми ҷаҳон таълимоти Исои Масеҳро бо забони модарии худ хонда ва фаҳмида тавонанд. Ҳарчанд ки дар матнҳои тарҷумашуда услубу шаклҳои забони аслии юнонӣ пурра инъикос ёфта натавонад ҳам, лекин мазмун ва мафҳуми матни аслӣ ба роҳи тарҷума ба хонанда расонда мешавад.

Аллакай дар асри дуюми мелодӣ китобҳои Хушхабар ва чанд навиштаҷотҳои дигари масеҳиён ба забонҳои лотинӣ ва суриягӣ (яке аз забонҳои қадимии арабӣ) тарҷума шуда буданд. Аз баъзе навиштаҷотҳои асри чорум маълумот дода мешавад, ки китобҳои Хушхабар ба забони форсӣ низ тарҷума шуда буданд, вале аз ин тарҷумаҳо ҳеҷ нусхае то замони мо омада нарасидааст.

Чаҳор китоби Хушхабаре, ки ҳоло дар дасти Шумо аст, бо гурӯҳи тарҷумононе тайёр гардидааст, ки дар пеши худ мақсад гузоштанд тарҷумаро ба забони адабии ҳозираи тоҷик, бо риоя кардани қонуну қоидаҳои грамматикии ин забон таҳия кунанд, то ки хондани он осону равон бошад. Кӯшиши гурӯҳи тарҷумонон он буд, ки мазмун ва маънои матни аслии юнониро тағйир надода, дар айни замон матнеро дастраси хонандагони тоҷикзабон бикунанд, ки мисли матни тоҷикӣ садо диҳад. Мо умедвор ҳастем, ки Шумо аз хондани ин китобҳо лаззат мебаред.

*Гурӯҳи тарҷумонон*